Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-001-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Ҳабибов Далер Абдуллоевич «Масъалаҳои ташаккулёбии маркетинги сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод гардидааст**

Диссертатсияи Д. А. Ҳабибов ба мавзуъҳои муҳимми назариявию методологӣ ва амалии илмҳои сиёсӣ бахшида шудааст. Зеро омӯзиши маркетинги сиёсӣ ва хусусиятҳои инкишофи он дар шароити муосир яке аз мавзуъҳои асосӣ дар доираи илмҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Мубрамии таҳқиқи мавзуи интихобгардида, пеш аз ҳама, бо сатҳи омӯзиши мавзуъ алоқаманд аст. Ба ҷуз аз паҳлуҳои алоҳидаи он, мавзуи маркетинги сиёсӣ дар илмҳои сиёсии ватанӣ дар сатҳи зарурӣ омӯхта нашудааст. Ин мавзуъ то ҳол объекти таҳқиқоти алоҳида қарор нагирифтааст. Таҳқиқоти мазкур дар самти омӯзиши ин масъала иқдоми аввалин мебошад. Аз ин рӯ, мубрамии ин таҳқиқот дар чунин вазъият ифода меёбад. Масъалаи мазкур, гарчанде дар назарияи сиёсӣ мақоми хоссаеро касб намуда бошад ҳам, аз таҳқиқи амиқ ва фарогир то андозае дур аст. Ҳам дар гузашта ва ҳам дар шароити ҳозира он таваҷҷуҳи махсуси муҳаққиқонро ба худ мекашад. Чунин сатҳи муносибатҳо аз рӯзмарра будани мавзуи мазкур дарак медиҳад.

Масъалаҳои ташаккули маркетинги сиёсӣ ва махсусияти он дар шароити Тоҷикистон низ беш аз пеш таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва сиёсатмадорони сатҳи гуногунро ба худ мекашанд. Хусусан, таҳқиқи он дар шароити муносибатҳои

ҷамъиятии давраи гузариши сиёсӣ аҳамияти илмию амалиро соҳиб аст. Аз ин ҷост, ки таҳқиқи маркетинги сиёсӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳо, махсусиятҳо ва пешомадҳои инкишофи он аҳамияти махсус пайдо намуда, дар рушди низоми нави идораи сиёсии ҷомеа ҷойгоҳи хосаро касб менамояд.

Мубрам будани таҳқиқи мавзуи ташаккули маркетинги сиёсӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусияти инкишофи он дар он ифода меёбад, ки мавзуи мазкур аз ҷониби муҳаққиқон ба таври зарурӣ мавриди таҳқиқ ва хулосагириҳои амиқ қарор нагирифтааст. Аз ин ҷост, ки муаллиф Д. А. Ҳабибов дар раванди таҳқиқот ба масъалаҳои гуногуни ташаккул ва инкишофи маркетинги сиёсӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ намуда, махсусияти зуҳури онҳо, моҳият ва шаклгирии онҳоро таҳқиқ ва натиҷагирӣ намудааст. Ҳамчунин, муаллиф рушди маркетинги сиёсиро дар давраи инкишофи Истиқлоли давлатӣ ва дар шароити таҳкими давлатдории миллӣ ба таври махсус мавриди омӯзиш қарор додааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар таҳқиқот тағйироти сифатии тайи солҳои Истиқлоли сиёсии давлат бавуҷудомада мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтаанд, ки метавон натиҷаҳои бадастовардашударо дар таҳқиқоти минбаъда ва амалияи идораи сиёсии ҷомеа истифода намуд. Онҳо дар раванди таҳлил ва хулосагириҳои омӯзиши мушкилоти шаклгирии идораи давлатии муосири Тоҷикистон, такмил додани раванди демократикунонии ҷомеа ва рушди системаи сиёсии Тоҷикистон аҳамияти муҳим доранд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои навгониҳои илмӣ мебошад. Дар диссертатсия нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз аниқии маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқоти илмӣ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод шудаанд.

Автореферат ва корҳои илмие, ки доир ба мавзуи диссертатсия чоп гардидаанд мазмуни асосии рисоларо ба таври зарурӣ инъикос менамоянд. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар як монографияи илмӣ ва 5 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикоси худро пайдо намудаанд. Ҳамчунин, нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳо ва семинарҳои гуногуни илмию амалӣ аз ҷониби муаллиф дар шакли маърӯза пешниҳод гардидаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф таҷассуми худро ёфтаанд.

Дар баробари муваффақияти зиёд рисолаи диссертатсионӣ аз баъзе норасогиҳо холӣ нагардидааст. Онҳоро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

— муаллифро зарур буд, ки нақши маркетинги сиёсиро дар раванди идораи давлатии Тоҷикистони муосир тавассути амалҳои воқеӣ мавриди тавсиф қарор медод;

— дар зербоби чоруми боби сеюм муаллиф ВАО-ро ҳамчун воситаи амалигардонии маркетинги сиёсӣ маънидод намудааст. Хуб мешуд, ки вазифаҳои ВАО-ро дар мавриди масъалаи мазкур мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор медод.

Аммо чунин эродҳо наметавонанд арзиши баланди илмию таҳқиқотии диссертатсияро кам кунанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Д. А. Ҳабибов «Масъалаҳои ташаккулёбии маркетинги сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ

буда, муаллифи он барои сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ арзанда мебошад.

Муқарриз, номзади илмҳои сиёсӣ,
дотсент, мудири кафедраи
муносибатҳои байналхалқии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон П. Р. Нуриддин

Имзои П. Р. Нуриддинро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.